# ХУЛОСА

оид ба натиҷаи аудити мутобиқат ва молиявии **Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи “Хизматрасонии маҷмӯӣ барои модар ва кӯдак”** –и назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7, 30 ва 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи “Хизматрасонии маҷмӯӣ барои модар ва кӯдак”–и назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Лоиҳа) таҳия гардида, дар ҷаласаи ҳайати мушвараи Палатаи ҳисоб баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

2. Лоиҳа дар асоси Низомнома фаъолият намуда, мақсад ва вазифаҳои асосии он таъмини истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои грантии Бонки Осиёии Рушд ба ҳисоб меравад.

3. Татбиқи лоиҳа тавассути амалӣ намудани ду Созишномаи грантӣ мутаносибан ба маблағи 35,2 млн. доллари ИМА ва 34,4 млн. доллари ИМА пешбинӣ гардида, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи Лоиҳаи мазкур маблағи 7,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

4. Ҳадаф ва вазифаҳои Лоиҳа беҳтарсозии фарогирии модарон ва кӯдакон бо хизматрасонии маҷмӯии сифатнок оид ба ҳифзи саломатии модару кӯдак тавассути беҳтар намудани инфрастрасохтори иншооти соҳаи тандурустӣ, азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ барои дастрасӣ ба хизматрасонии босифат ба модарону кӯдакон дар муассисаҳои тиббии ноҳияҳои таҷрибавии Рашт, Файзобод, Шамсиддин Шоҳин, Данғара, Дарвоз ва Айнӣ мебошад.

4.1. Дар доираи амалигардонии Лоиҳа дар ноҳияи Дарвоз сохтмони Беморхонаи марказӣ бо иқтидори 100 кати бистарӣ (аз ҷумла 20 кат барои беморони аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муроҷиаткунанда), дар ноҳияи Данғара сохтмони шуъбаи таваллуди бо иқтидори 80 кати бистарӣ ва дар ноҳияи Айнӣ сохтмони шуъбаи таваллуд бо иқтидори 40 кати бистарӣ (аз ҷумла10 кат барои занони ҳомила пеш аз таваллуд) ба нақша гирифта шудааст.

4.2. Дар ноҳияи Файзобод 3 иншоот, аз ҷумла Маркази ташхису табобатӣ, таъмиру навсозии Беморхонаи марказӣ ва шуъбаи таваллуд ва дар ноҳияи Рашт бинои Маркази саломатӣ, Беморхонаи марказӣ дуошёна ва Маркази ташхису табобатии сеошёна ба итмом расида, бо муосиртарин таҷҳизоту лавозимоти тиббӣ муҷаҳҳазонида шуда, мавриди истифода қарор доранд. Дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин низ иҷрои корҳои сохтмонӣ

дар Беморхонаи марказӣ ва Маркази саломатии ноҳиявӣ иҷро гардида, айни замон камбудию норасоиҳои аз ҷониби комиссияи корӣ муайянгардида дар муҳлатҳои муқарраршуда бартараф гардида истодаанд.

4.3. Таҳлилҳо нишон дод, ки сохтмони Маркази ташхису табобатӣ, таъмиру навсозии Беморхонаи марказӣ ва шуъбаи таваллуд ва дар ноҳияи Рашт бинои Маркази саломатӣ, Беморхонаи марказӣ дуошёна ва Маркази ташхису табобатии сеошёна моҳи ноябри соли 2025 ба итмом расида, вале то инҷониб бархилофи талаботи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бино ва иншоотҳои болозикр ба истифода дода нашудааст.

4.4. Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати кории мутахассисони соҳаи тандурустӣ оид ба хизматрасониҳои маҷмӯии саломатии модар ва кӯдак курсҳои омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, дар қатори дигар ҳадафҳо ҷорӣ намудани барномаҳои электронӣ ва дар заминаи он саривақт ба қайд гирифтани занони ҳомила, таъмини шафофият дар хароҷот ва рафти табобати беморон, татбиқи 3 барномаи электронӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шудаанд.

4.5. Дар заминаи беҳтар намудани хизматрасонии маҷмӯии босифат оид ба ҳифзи саломатии модар ва кӯдак аз ҷониби намояндагии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) пеш аз оғози фаъолият ва баъд аз он гузаронидани тадқиқот оид ба “Дониш, рафтор ва таҷриба” миёни аҳолии ноҳияҳои таҷрибавӣ вобаста ба баланд бардоштани маърифати тиббии аҳолӣ гузаронида мешавад.

5. Тибқи нақша аз оғози лоиҳа то моҳи марти соли 2026 азхудкунии маблағҳо 61100,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардида, дар асл ба қадри 35109,5 ҳазор доллари ИМА ё 57,4 фоиз азхуд карда шудааст.

5.1. Лоиҳа аз чор қисмат, аз ҷумла тавассути қисмати 1. “Беҳтар намудани хизматрасонии маҷмӯии босифат оид ба ҳифзи саломатии модар ва кӯдак дар ноҳияҳои зерҳадаф”, мувофиқи нақшаи молиявӣ маблағи 3100,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардида, дар асл иҷрои он аз аввали татбиқи Лоиҳа то моҳи марти соли 2026 маблағи 2716,1 ҳазор доллари ИМА ё 88,0 фоиз, қисмати 2. “Такмил ва беҳтаркунии инфрасохтор ва таҷҳизот дар ноҳияҳои таҷрибавӣ” ба маблағи 27400,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардида, иҷрои он маблағи 26344,8 ҳазор доллари ИМА ё 96,0 фоиз, қисмати 3 “Баланд бардоштани сатҳи дониш дар саломатии модар ва кӯдак ва рафтори ба саломатӣ нигаронидашуда дар ноҳияҳои зерҳадафи лоиҳа” ба маблағи 1000,0 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардида, иҷрои он маблағи 900,4 ҳазор доллари ИМА ё 90,0 фоиз ва тавассути қисмати 4 “Идоракунии лоиҳа, мониторинг ва баҳодиҳӣ” нақшаи пешбинишуда маблағи 3700,0 ҳазор доллари ИМА, иҷрои он 2807,8 ҳазор доллари ИМА ё 76,0 фоизро ташкил медиҳад.

6. Дар давраи аз моҳи майи соли 2025 то моҳи марти соли 2026 музди меҳнати кормандони Лоиҳа маблағи 1446,2 ҳазор сомонӣ ҳисоб шуда, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдор 181,7 ҳазор сомонӣ ва маблағи пардохтшудаи музди меҳнат 1264,5 ҳазор сомониро ташкил додааст.

6.1. Аз ҷониби муҳосиботи Лоиҳа талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" аз 22 июни соли 2023, №586, баҳри амалӣ намудани шаффофияти пардохти музди меҳнат, низоми пардохти музди меҳнати кормандон ба тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда шудааст.

6.2.Таҳлили варақаи пардохтии музди меҳнати кормандон аз рӯйи хавфҳои имконпазир феҳристи пардохтии музди меҳнати кормандон бо рунависи корти бонкӣ ва бо ҳисоботҳои хазина муқоиса карда шуда, дурустии пардохти онҳо тасдиқ гардида, тафовути варақаи пардохтии музди меҳнати кормандон бо ҳисоботҳои бонкӣ муайян нагардид.

7. Ба ҳолати аввали моҳи марти соли 2026 бақияи қарзҳои дебиторӣ маблағи 7140,5 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали давраи аудит ба қадри 400,5 ҳазор сомонӣ кам шудааст. Қарзҳои кредиторӣ бошад маблағи 14,5 ҳазор сомонӣ, нисбат ба аввали давраи аудит 13,8 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст. Қарздориҳои дебиторӣ асосан аз ҳисоби пешпардохт ба пудратчиён ва қарзҳои кредиторӣ бошад аз ҳисоби хизматрасонии автомашинаҳои хизматӣ ба амал омадааст.

8. Баҳисобгирии муҳосибӣ ба зиммаи масъулини Лоиҳа вогузор гардида, назорат ва ҳисоботҳои маҷмуии муҳосибӣ аз тарафи сармуҳосиби Лоиҳа бурда шуда, гардиши маводҳо ва молу мулк ва иҷрои уҳдадориҳои вогузоргардида, тибқи қонунгузории амалкунанда таъмин гардида, тартиби бурдани он мувофиқи талаботи стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба воситаи системаи автоматикунонидашудаи "1С-Бухгалтерия 8.3" бо истифода аз феҳристҳои баҳисобгирии системаи мазкур амалӣ гардида, бо истифода аз барномаи компютерӣ маълумотҳои муҳосибӣ гуруҳбандӣ гардида, ҳисоботҳои даврагӣ тартиб дода мешаванд.

9. Ба истиснои ҳолатҳои болозикр ва маълумотҳои молиявӣ вобаста ба тамоми масъалаҳои муҳим, ки дар ҳисоботҳои молиявӣ ташкилоти аудитшаванда инъикос карда шудаанд, ба меъёру талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият мутобиқат дошта, мусбӣ арзёби карда мешавад.

Сараудитор                                        Раҳмонзода З.